**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи «Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Таҳқиқи забони асарҳои ҷудогонаи илмиву адабии гузаштанон, аз як тараф, ба дарки паҳлуҳои мухталифи ин осор мусоидат карда, аз тарафи дигар, барои ошкор намудани бисёр масъалаҳои ташаккулу таҳаввули забони адабии тоҷик дар давраҳои муайяни таърихӣ имкон фароҳам меорад. Ба ин маънӣ, мавзуи рисолаи илмии Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон муҳим ба ҳисоб меравад. Дар он хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти соҳаи тиб дар яке аз асарҳои мондагори Закариёи Розӣ – «Тибби Мансурӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки омӯзишу баррасии истилоҳоти соҳаи тиб дар асарҳои илмии гузаштагон аз масъалаҳои муҳимми илми имрӯза ба ҳисоб рафта, дар бораи мавқеи чунин истилоҳот дар осори илмии донишманди бузург ва энсиклопедист Закариёи Розӣ то ба ҳол таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ сурат нагирифтааст. Илова бар ин, таҳқиқоти анҷомёфта на танҳо ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти соҳаи тибро дар асрҳои IX-X муайян менамояд, балки дар ҳалли бисёр масъалаҳои баҳсноки истилоҳот дар замони имрӯза низ мусоидат карда метавонад.

Навгонии кори дисскртатсионӣ аз он иборат аст, ки бори нахуст ба хусусиятҳои маъноиву сохторӣ ва этимологияи истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ» таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ҳамзамон таснифоти мавзуии истилоҳот, нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули истилоҳот, дараҷаи корбурди истилоҳоти аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ аз мадди назари муҳаққиқ дур намондааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда ба пешрафти минбаъдаи илми истилоҳшиносӣ ва танзими истилоҳоти соҳаи тиб мусоидат менамояд. Ҳамчунин муқаррароти онро ҳангоми анҷом додани таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳшиносиву калимасозӣ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, аз таҳқиқи мазкур на танҳо баъзе масъалаҳои назарии истилоҳшиносиро муайян кардан мумкин аст, балки он вижагиҳои услуби фардии донишманд Закариёи Розиро вобаста ба масъалаҳои интихобу корбурди истилоҳот ва истилоҳофарӣ низ ошкор менамояд.

Аз мутолеаи автореферати диссертатсия ба хубӣ аён аст, ки диссертант ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ шинос мебошад, барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ маводи фаровон ҷамъ оварда, адабиёти зиёди илмию назариро мутолеа намудааст, ҷаҳонбинии хуби илмӣ дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия масоили марвриди таҳқиқро бо дарки масъулият анҷом дода, доир ба мавзуи

**«Вижагиҳои маънӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** рисолаи номзадӣ пешниҳод кардааст, ки ба ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мутобиқ аст.

Муҳтавои асосии рисолаи илмӣ муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиётро дар бар мегирад. Аз нигоҳи бандубасти мавзую мундариҷа диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон таҳқиқоти комили илмӣ ба ҳисоб рафта, дар байни бобу фаслҳо ва зерфаслҳои он робитаю ҳамбастагии зич ба назар мерасад. Ба ибораи дигар, қисмҳои ҷудогонаи диссертатсия ба ҳам алоқамандӣ доранд ва ҳамдигарро пурра намуда, идомаи мантиқии якдигар мебошанд ва дар якҷоягӣ кори мукаммалу анҷомёфтаи илмиро ташкил медиҳанд.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок ва дараҷаи омӯзиши он муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети он мушаххас карда шудааст, дар бораи маводду манобеи пажуҳиш, асосҳои методологии таҳқиқ, навгонӣ дар таҳқиқ, аҳамияти назариву амалӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтори рисола ва амсоли ин изҳори андеша карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ»** унвон дошта, чор фаслро дар бар мегирад. Боби мазкур аз аҳаммияти назариявӣ бархурдор буда, дар фаслҳои он роҷеъ ба масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар забоншиносӣ, омӯзишу баррасии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ, саҳми Закариёи Розӣ дар ташаккули истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ ва «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ ҳамчун асари энсиклопедӣ сухан меравад. Муаллифи рисола дар ин боб андешаҳояшро дар заминаи маълумоти донишмандон ва сарчашмаҳои илмӣ асоснок намуда, вижагиҳои осори тиббии донишмандони асримиёнагиро баён медорад, хидматҳои бесобиқаи Закариёи Розиро дар ташаккули истилоҳоти илми тиб нишон медиҳад, дар такя ба гуфтаҳои донишмандони дигар шаъну шукӯҳи муаллифи «Тибби Мансурӣ»-ро дар пешрафти илмҳои мухталиф, аз ҷумла тиб муайян менамояд.

Боби дуюми рисола, ки бо унвони **«Вижагиҳои маънӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** оварда шудааст, панҷ фаслу ҳашт зерфасли таҳқиқотиро дар бар мегирад. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб муҳаққиқ дар заминаи андешаҳои донишмандон доир ба калимасозиву истилоҳсозӣ, воситаҳои калимасозу истилоҳофар андеша баён намуда, сохтори истиолоҳоти тиббиро дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва вобаста ба ин истилоҳоти ин асарро ба содаву сохта ва мураккаб гурӯҳбандӣ мекунад. Аз ҷумла, ӯ истилоҳоти содаро ба зергурӯҳҳои зиёд тасниф намуда, вижагиҳои ҳар зергурӯҳро зикр менамояд, нақши пешванду пасвандҳоро дар офаридани истилоҳоти тиббӣ махсус таъкид намуда, бо пешванду пасвандҳои мушаххас сохта шудани истилоҳотро нишон медиҳад, доир ба роҳу усулҳои офарида шудани истилоҳоти мураккаб ва сохтори онҳо изҳори андеша

менамояд, дар бораи ибораистилоҳот, вижагиҳои сохторӣ ва нақшу мавқеи онҳо дар «Тибби Мансурӣ» маълумот ироа медорад.

Боби сеюми диссертатсия **«Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** унвон гирифта, фарогири ду фасл мебошад. Дар фасли аввали он вожаҳо ва истилоҳоти тиббии тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаасту дар фасли дуюм истилоҳоти иқтибосии тиббӣ. Муҳаққиқ дар зерфаслҳои фасли дуюм истилоҳоти иқтибосии тиббиро ба истилоҳоти тиббии юнонӣ, ҳиндӣ ва арабӣ тасниф менамоянд ва дар навбати худ истилоҳоти тиббии арабӣ ба 4 гурӯҳ таснифу пажуҳиш гардидаанд.

Дар охир муаллиф аз фаслу бобҳои кори анҷомдодааш натиҷагирӣ кардааст. Хулосаҳои муаллифи рисола, ки дар 17 банд дарҷ гардидаанд, илман асоснок мебошанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 4 банд ҷой дода шудаанд. Муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда инъикос ёфтааст, ки дар охири автореферат оварда шудаанд.

Метавон гуфт, ки автореферати диссертатсия муҳтавои онро бозгӯ менамояд. Варианти русии автореферат бо варианти тоҷикии он мувофиқат мекунад. Муаллифи рисола доир ба хусусиятҳои маъноиву сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонда, аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои дар наздаш гузошташуда ба хубӣ баромадааст.

Дар маҷмуъ рисолаи илмии муҳаққиқ Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷонро метавон комёбии хуб дар соҳаи истилоҳшиносӣ номид. Дастовардҳои илмии онро ҳангоми таҳқиқи минбаъдаи проблемаҳои лексикология, шарҳу тафсири маънои истилоҳот, вижагиҳои сохтории истилоҳоти илмӣ истифода бурдан мумкин аст. Маводи рисола ҳамчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба истилоҳшиносӣ, лексикология ва калимасозӣ қобили истифода буда метавонад.

Дар баробари комёбиҳои зиёд дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Унвони боби дуюми рисола бо увони кори илмӣ пурра якхела мебошад. Хуб мешуд, ки муаллиф доир ба хусусиятҳои маъноӣ дар боби алоҳида ва доир ба вижагиҳои сохторӣ дар боби алоҳида сухан меронд, ё унвони ин боб бо каме тағйирот дода мешуд.

2. Боби сеюми диссертатсия дар автореферат се фасл зикр шудааст, аммо он дар асл ду фаслро дар бар мегирад ва фасли дуюми он аз се зерфасли ҷудогона иборат мебошад.

3. Боби сеюми диссертатсия **«Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** номида мешавад, вале фасли аввали он ба таҳқиқи истилоҳоти тиббии тоҷикӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд,

ки он **«Истилоҳоти аслӣ ва иқтибосии тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** номида шавад.

4. Банди 17-и хулоса хусусияти тавсиявӣ дорад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки он дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ҷой дода мешуд.

5. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, услубӣ ва аломатҳои китобат ба назар мерасад (маслан, саҳ. 3, 4, 30-и варианти тоҷикӣ ва саҳ. 3, 9-и варианти русӣ) ва ғайра.

Чунон ки мебинем, норасоиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ҳеҷ гоҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодаро кам намекунанд. Диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи **«Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар «Тибби Мансурӣ»-и Закариёи Розӣ»** кори мукаммали анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи**
**услубшиносӣ ва таҳрири**
**адабии Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон** **Ҷумъазода Меҳроб Одина**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, 150/2, ҳуҷраи 1-13,
тел.: (+992) 93 589 64 08,
Email: mehriob@mail.ru

***Имзои профессор М. О. Ҷумъазодаро тасдиқ мекунам:***

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон** **Э. Шодихонзода**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
тел.: (+992) 221 77 11
Сомонаи расмӣ: https://tnu.tj/